# Ношукрӣ накун!

2



силсилаи



Модар гуфт: «Вафоҷон, дар берун аз дарахтон баргҳои бисёр рехтааст. Онҳоро ҷамъ мекунӣ?»



«Агар ту вазифаатро хуб иҷро кунӣ, ман ба ту дуто қанд медиҳам. Розӣ ҳастӣ?»



Вафо хурсанд шуда, корашро сар кард. Аммо аз дарахт баргҳои бисёр афтода буданд, бинобар ин ӯ бояд бисёр кор мекард.



Амина дар берун бозӣ карда, боз ба хона омад. Модар пурсид: «Салом, Аминаҷон! Ба ман ёрӣ мерасонӣ?»



«Ту мизро тоза кун. Ман баъд ба ту ҳам дуто қанд медиҳам». Амина хурсанд шуд.



Амина тез мизро тоза кард.



Акнун ҳар дуяшон корро тамом карданд ва аз модар хоҳиш карданд, ки қандҳои ваъдашударо диҳад.



Модар ба Амина дуто қанд дод. Амина аз ин хеле шод шуд.



Модар ба Вафо ҳам дуто қанд дод, аммо Вафо норозӣ буд.



«Модар! Ман бисёртар қанд мехоҳам. Ман аз Амина дида бисёртар кор кардам-ку!»



«Вафоҷон, ман ба ту дуто қанд ваъда додам. Ба ту чӣ фарқ дорад, ки Амина чӣ қадар кор кард. Ба дигарон кордор нашав!»



Вафо аз худаш шарм дошта, гуфт: «Мебахшед!»



Модар ба Вафо қанд дод.
Вафо ва Амина
қандҳояшонро хӯрданд.
Вафо ба худ гуфт, ки
ҳеҷ вақт дигар ба кори
дигарон кордор намешавад.



Ҳодисаи бо Вафо рӯйдода
ҳикояи Китоби Муқаддасро
ба хотир меоварад, ки дар
бораи бахилӣ накардан
ва шукргузор будан
мебошад
(Матто 20:1-16).